# 12 00 00 ҲУҚУҚШИНОСӢ
# 12 00 00 ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 12 00 00 LAW SCIENCES

## 12 00 01 ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ
## 12 00 01 THEORY AND HISTORY OF STATE AND LAW; HISTORY OF TENETS RELATED TO STATE AND LAW

***УДК 342***
***ББК 67.3(0)3***

### *БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАМАДДУНҲОИ ШАРҚӢ ВА ҒАРБӢ (ТАДҚИҚИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ ВА ҚИЁСӢ)*

***Обидов Дилшод Солиҷонович,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд),*

### *НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ВОСТОЧНОЙ И ЗАПАДНОЙ ЦИВИЛИЗАЦИЙ(ИСТОРИКО ПРАВОВОЕ И СРАВНИТЕЛЬНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ)*

***Обидов Дилшод Солиджонович****, к.ю.н., доцент, завкафедрой теории и истории государства и права юридического факультета ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

### *SOME PECLIARITIES OF EASTERN AND WESTERN CIVILIZATIONS (HISTORIC-JURIDICAL and COMPARATIVE INVESTIGATION*

***Obidov, Dilshod Solijohnovich****, candidate of juridical sciences, Associate Professor of the department of theory and history of state and law under the law faculty of the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand),*
***E-MAIL:*** *ODS-1976@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *тамаддуни шарқӣ, тамаддуни ғарбӣ, дин, ҳуқуқ, давлат, моликияти хусусӣ, ҳуқуқу озодиҳо, консерватизми шарқӣ, ратсионализми ғарбӣ*

*Дар мақолаи илмӣ кӯшиш ба харҷ дода шудааст то бо истифода аз усули муқоисавӣ моҳият ва хусусиятҳои нахустин нуқтаҳо ва ё тамаддунҳои бостонии инкишофи инсоният: шарқӣ ва ғарбӣ бо назардошти пайдоиши ҳуқуқ, давлат, сохтори ҷомеа ва ҳуқуқу озодиҳои инсон, махсусияти табиати ҳокимияти давлатӣ, шуур, психологияи шахсият ва аҳли ҷомеа дар онҳо маънидод карда шаванд. Дар ин самт диққати асосии тадқиқотӣ ба хусусиятҳои фарҳангӣ-таърихӣ, мазмун ва табиати хосаи тамаддунҳои шарқӣ ва ғарбӣ, самтҳои хосаи ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ ва давлат дар қаламрави тамаддунҳои мазкур, дараҷаи таъсири дин ва анъанапарастӣ дар онҳо, таҳлили қиёсии ҳар ду тамаддун дар мисоли мавқеи консерватизми шарқӣ ва ратсионализми ғарбӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва пайдоиши проблемаҳои муосири глобалӣ дар сатҳи ҷомеа, ҳуқуқ ва давлат равона карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *восточная цивилизация, западная цивилизация, религия, право,*

*государство, права и свободы, вочточный консерватизм, западный рационализм*

*Представлена попытка исследования сущности и особенностей первых древних очагов развития цивилизаций человечества, восточной и западной, с учетом происхождения в них права, государства, формирования структуры общества, прав и свобод человека, особенностей государственной власти, сознания, психологии личности и общества в целом. В этом направлении основное исследовательское внимание было направлено на выявление культурно-исторических особенностей, содержание и природу восточной и западной цивилизаций, на специфику становления и развития права и государства на пространствах данных цивилизаций, установление степени влияния на них религии и традиционализма. Проведен сравнительный анализ обеих цивилизаций на предмет роли восточного консерватизма и западного рационализма в защите прав человека и причин появления глобальных проблем современности на уровне общества, права и государства.*

***Key words:*** *Eastern civilization, Western civiliztion, religion, law, state, Eastern conservatism, Western rationalism.*

*The article presents on endeavour of investigation concerning the essence and peculiarities of the first ancient nidus of the evolution of mankind civilizations – Eastern and Western ones – with taking into consideration such factors as: origin of state and law, society frameworks formation, rights and freedoms of man, state power specificity formation, consciuosness and psychology of both individual and society upon the whole. Keeping to this streamline, the main researche's attention is targeted at elicitation of cultural-historic peculiarities, contents and nature of Eastern and Western civilizations, specifities of state and law formation and development in the spaces of these civilizations, degree of their being influenced by religion and traditionalism; the author has conducted a comparative analysis of both civilizations exploring the role of Eastern conservatism and Western rationalism in human rights advocacy and emergence of global problems of contemporaneity at the level of society, law and state.*

Байни Шарқ ва Ғарб аз қадимулайём сарҳадҳои ноаёни фарҳангӣ, психологӣ ва маънавиву ахлоқӣ ҷой дошта, чунин хусусиятҳо боиси ташаккули роҳҳои хосаи онҳо дар самтҳои ҳуқуқ, давлатдорӣ ва бузургдошту ҳифзи манфиатҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гардидаанд.

Тамаддунҳои шарқӣ ва ғарбӣ ҳоло аз замони оғози таърихи инсони бошуур, арзи ҳастӣ кардан ва оғоз гирифтани маънавиёт, ақлу идрок, фарҳанг ва илму дониш ташаккул ёфта, таҳти таъсири омилҳои гуногун, аз қабили вазъи геоэкологӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, психология ва менталитети мардуми таҳҷоӣ рушд ёфтаанд.

Дар таърихи инсоният мавқеи тамаддунҳои асосии ташаккулёбии он хеле назаррас буда, чунин хусусият то ҳол дар инкишофи халқҳои ҷаҳон дар ҷабҳаҳои сотсио-психологӣ, таърихӣ-фарҳангӣ ва умуман маънавиву маишии онҳо дида мешавад.

Худи мафҳуми тамаддун дар адабиёти таърихӣ-ҳуқуқӣ ба маънои дастовардҳои соҳибшуда, маҷмӯаи ғояҳои дар муомилот қарордошта, маҷмӯи усулҳои фаъолият, дараҷаи рушди илм, фарҳанг, санъат ва истеҳсолот, умуман ҳолати ҷойдоштаи сохти оилавӣ, ҷамъиятӣ ва муассисаҳои мавҷудбуда маънидод карда мешавад [4, с.52]. Яъне, дар зери мафҳуми тамаддун ҳолати воқеъбудаи инкишофи маънавӣ, психологӣ, фарҳангӣ ва моддиву маишӣ, ҳамчунин тамоюлҳо ва потенсиалҳои рушди ақлонӣ ва интеллектуалӣ, қобилият ва дараҷаи озодии рӯҳии инсон фаҳмида мешавад. Олими америкоӣ С.Хантингтон чунин мешуморад, ки тамаддун як умумияти фарҳангии сатҳи

олӣ ва дар як вақт дараҷаи ҳаммонандии фарҳангии одамон мебошад [4, с. 29].

Вобаста ба ин, дар тӯли таърихи ташаккул ва рушди ҷамъият, ҳуқуқ ва давлат нақши асосӣ ба ду тамаддун: шарқӣ ва ғарбӣ тааллуқ дорад. Зеро, тамаддунҳои мазкур ҳар як дар самтҳои алоҳида такони бузургеро дар ташаккулу рушди инсоният, ҷомеа, ҳуқуқ ва давлат ба вуқӯъ овардаанд. Масалан, таърихан агар Шарқ бо тамаддуни ба он хос барои бунёди давлат ва ҷомеаи аграрӣ, институтҳои динӣ ва сиёсӣ заминаи асосиро гузошта бошад, Ғарб бунёдкунандаи ҷомеа, ҳуқуқ, давлат ва тамаддуни секуляристӣ ва дар ниҳоят тамаддуни муосири индустриалӣ ва технотронӣ аст. Ҳамчунин, Шарқ макони анъанапарастӣ, таъсири бузурги урфу одати гузашта, хусусан дин ва таълимоти динӣ бошад, Ғарб ҳамзамон минтақаи рушди тафаккури мустақили ақлонӣ, макони ташаккули асотир ба илми мантиқӣ буд. Дар алоқамандӣ ба ин, олими машҳур Р. Иеринг иброз мекунад, ки ба Шарқ ҳиссиёти баланди динӣ дар тамоми муносибатҳо ва самтҳо, аз ҷумла хуқуқ, ахлоқ ва дин хос буда, мустақилияти ақлгароӣ ба назар намерасад ва баръакс ба ҳиссиёти халқҳои фарҳангии Ғарб ҳамроҳ бо мазмуни динии меъёрҳои ҳуқуқ ва ахлоқ, меъёрҳои дигар, ки маҳсули эҷоди тафаккури инсонӣ ҳастанд, маълум мегарданд [5, с. 238-239]. Илова бар ин, имрӯз чунин ақида маъмул аст, ки тамаддуни ғарбӣ офарандаи на танҳо ғоя, балки модели амалкунандаи давлати демокративу ҳуқуқӣ буда, чунин давлат шакли ниҳоии пешравии давлатдориро ташкил медиҳад ва ба таҳияи ғояи нав дар ин самт дигар зарурият вуҷуд надорад. Аз ин сабаб, давлат ва ҳуқуқи демократӣ бо ғояи волоияти қонун сатҳи аз ҳама боло ва интиҳоӣ шуморида шуда, баъди онҳо дигар модели беҳтарини давлатдорӣ ва қонунгузорӣ дарёфт нахоҳад гардид. Албатта, чунин мутлақияти ғоявӣ таҳти таъсири таълимоти сиёсӣ-ҳуқуқии мутафаккирони бузурги Юнони антиқа ташаккул ёфтааст.

Аммо чунин мутлақият дар дарку бузургдошти тамаддуни ғарбӣ аксаран бе назардошти нақш ва мавқеи тамаддуни шарқӣ, моҳият ва хусусиятҳои он таҳия гардидааст.

Дар асл тамаддуни шарқӣ гаҳвораи тамоми тамаддунҳо шинохта шудааст. Илова бар ин, он таърихан қадима буда, таъсири худро албатта дар дигар тамаддунҳо, аз ҷумла тамаддуни ғарбӣ низ гузоштааст. Дар ин самт, таъсири тамаддунҳои қадимаи мисрӣ-бобулиро ба ҷараёни ташаккули ҳуқуқ ва давлат дар Аврупои антиқа, сохти давлатӣ ва низоми идоракунӣ тавассути институтҳои динӣ-сиёсӣ қайд кардан мумкин аст.

Бинобар ин, мавқеи муайянкунандаи тамаддуни шарқӣ ҳоло аз аҳди хеле қадим маълум аст. Аммо чунин фикр на ба он маъно аст, ки тамаддуни ғарбӣ нисбат ба тамаддуни шарқӣ мавқеи дуюмдараҷа дошта, аз он вобастагӣ дорад. Баръакс, ҳар яке аз ин тамаддунҳо дар доираи ҳудудҳои паҳншавии худ мустақил буданд. Агарчанд дар масъалаи оғози пайдоиши таърихӣ тамаддуни шарқӣ бинобар қарор гирифтанаш дар сарзаминҳои ҳосилхези назди соҳилҳои дарёҳои Фурот, Нил, Ҳинд, Янтзи ва Хуанхэ нахустин буда, бо расму русум ва урфу одатҳои фарҳангофаринии худ фарқ мекард.

Лозим ба ёдоварист, ки аз замони ташаккулёбии инсони бошуур (сапиентӣ) тақрибан дар ҳазораи 40-ум то мелод ҷараёни ташаккули тамаддуни он оғоз мегардад. То замони инқилоби неолитӣ, яъне давраи гузариш аз хоҷагии азхудкунӣ ба хоҷагии истеҳсолкунӣ дар ҳазорахои 10-6 то мелод ташаккули чунин тамаддун мазмуни содда ва нисбӣ дошт. Бо гузариш ба хоҷагии истеҳсолӣ ва бинобар ин хуб

гардидани шароити зисти инсон, тағйиротҳои демографӣ, яъне афзоиши шумораи аҳолӣ, авҷи ҳаракатҳои мигратсионӣ бо мақсади азхуд кардани заминҳои ҳосилхези нав тамаддунҳои мавҷуда низ хусусан дар нуқтаҳои асосии рушди онҳо, ки дар атрофи дарёҳо қарор доштанд, мустаҳкам гардида, дар шакли фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии динӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатӣ паҳну маъмул мешаванд. Дар ин самт, таъсири тамаддуни Шарқ аз қадимулайём назаррас буд.

Дар рушди тамаддуни Шарқ маҷмӯи ғояҳо, хусусан ғояҳои динӣ таъсири муҳим доштанд. Зеро, чи тавре, ки аз таърих маълум аст аввалин маротиба дар минтақаи Шарқ динҳои ҷаҳонии монотеистӣ (зардуштӣ, яҳудӣ, насронӣ) тақрибан байни асрҳои XII-II то мелод ба вуҷуд омада, таълимоти онҳо аз ҳамин минтақа ба тамоми олам паҳн гардидааст. Дар чунин шароит динҳои мазкур бо маҷмӯи таълимоти худ метавонистанд ба дараҷаи таҳаввули ҷомеа таъсири ҷиддӣ расонанд. Дар шароитҳои аҳди қадим ғояҳои динӣ имкон доштанд пешравии ҷомеаро карахту маҳдуд намоянд ва ё баръакс ба инкишофи он такони бештаре диҳанд. Ба Шарқ, дар ин самт, албатта, бо дарк ва таъсири бештари худи инсон консерватсия ва карахту маҳдудкунӣ хос буд. Аммо новобаста ба ин, бояд гуфт, ки давраи пайдоиш ва ташаккули динҳои монотеистӣ дар ҳудуди Шарқ байни асрҳои XII-II то мелод такони бузургеро дар инкишофи фарҳангу оин, ҳуқуқ ва давлатдорӣ гузошта, давраи муҳимро дар таърихи ташаккули маънавии инсон ташкил медиҳад. Файласуфи машҳури немис К.Ясперс ин давраро меҳвари вақтии муҳиму ҳалкунанда дар таърихи инсоният номидааст, зеро дар ҳамин давра таърихи мифологӣ бо зинаи инкишофи тасаввуротҳои транссендентӣ иваз карда мешавад [4, с.52-53].

Бояд ба назар гирифт, ки истилоҳи «шарқ», «тамаддуни шарқӣ» дар тасаввуроти аврупоиён аз аҳди қадим то замони кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ тамоми ҳудудҳои атрофи Аврупоро фаро мегирифт. Яъне, ин мафҳум дар оғоз ба маънои фарҳангӣ истифода мегардид. Аз ин лиҳоз, тааҷҷубовар нест, ки Африқо ва Амрикои Лотинӣ низ бинобар хусусиятҳои умумӣ доштани онҳо дар инкишофи худ бо ҳудудҳои Шарқи Наздик ба сифати мамолики шарқӣ қабул гардида буданд. Баръакс, он ҳудудҳои дурафтодае, ки ба он ҷо тамаддуни аврупоӣ роҳ ёфта, тахти таъсири фарҳангии худ қарор дода буд, ҳамчун мавзеъҳои тамаддуни ғарбӣ маънидод карда мешуданд. Масалан, Амрикои Шимолӣ, Австралия, Зеландияи Нав ва баъзе ҷазираҳо дар уқёнусҳои Ором, Ҳинд ва Атлантика.

Бинобар ин, гуфтан лозим аст, ки нафақат «шарқ», балки «ғарб» низ мафҳуми шартӣ буда, оиди хусусиятҳои таърихӣ-фарҳангӣ, маънавӣ-динӣ, иҷтимоӣ, низоми давлатдориву ҳуқуқӣ дарак медиҳад.

Бояд гуфт, ки агарчанд умумияти тамаддунҳои шарқӣ ва ғарбӣ дар ҷараёни аз ҷамъият пайдарпай ҷудо шудани ҳуқуқ ҳамчун воситаи танзими рафтор ва ҳокимияти давлатӣ дида шавад ҳам, аммо ҳар яке аз ин тамаддунҳо дар ин самт роҳҳои ба худ хос доштанд. Хусусан, дар минтақаи Шарқ ҳуқуқ ва давлат бе мавҷудияти таъсири пурзӯри моликияти хусусӣ, муборизаҳои ашадии байни синфҳои ҷамъият ба вуҷуд омадаанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба ин, ҳатто қайд мегардад, ки дар Шарқ синфҳои ба ҳам оштинопазир дар ҷамъият пухта нарасида буданд ва моликияти хусусӣ низ инкишоф наёфта буд. Чуноне ки олими рус, профессор А.Поляков иброз мекунад, барои шакли аввали давлатдорие, ки масалан дар Мисри Қадим ба вуҷуд омадааст, пайдоиши давлат дар ҳоли вуҷуд надоштани моликияти хусусӣ ба замин ва набудани синфҳо воқеъ гардида, нахустин давлатҳо ба ҳамин маъно дар Шарқи Қадим ғайрисинфӣ буданд [7, с.245].

Илова бар ин, дар ин минтақа, хусусан дар ҳудуди Фаластин, Миср, Бобулистон ва Ҳиндустон ҳоло аз аҳди қадим таъсири дин, оинҳо, меъёрҳои динӣ, анъанапарастӣ пурзӯр буда, тасаввуроти психологӣ, маънавиёт ва умуман ҳастии инсонро бештар фарогир буданд ва барои таҳия ёфтани чунин ҳолати сохтори ҷамъиятӣ таъсири муҳим доштанд.

Албатта, дар масъалаи моликияти хусусӣ бояд ин ҷо каме таваққуф кард. Чи тавре ки аз назарияи маъмули марксистӣ бармеояд, пайдоиш ва инкишофи моликияти хусусӣ дар ҷомеаи ибтидоӣ сарчашмаи асосии такондиҳандаи он дар самти гузариш ба ҷомеаи синфӣ ва минбаъд пайдоиши давлат мегардад. Аммо дар Шарқ бинобар суст инкишоф ёфтани моликияти хусусӣ он натавонист чунин нақшро иҷро намояд. Маслан, дар Мисри қадим муносибатҳои моливу пулӣ ниҳоят суст инкишоф ёфта, худи пул ҳамчун эквиваленти молҳо дар аҳди шоҳигарии миёна мавҷуд набуд [6, с.78]. К.Маркс чунин хусусияти муносибатҳоро дар минтақаи Шарқ таҳти мафҳуми «воситаи осиёгии истеҳсолот» муаррифӣ намудааст [1]. Тибқи назарияи ӯ, дар Осиё зимни қиёси он бо Аврупо синфҳои оштинопазир мавҷуд набуданд ва ҷои чунин зиддиятҳои синфиро муқобилияти аҳолии деҳот, ки дар ҷамоаҳои хурд муттаҳид гардида буданд, бо дастгоҳи марказии қавии ҳокимият ташкил медод. Чунин сохтори идораи ҷамъият ва давлат таҳти унвони истибдоди шарқӣ муаррифӣ карда мешавад. Чунон ки профессор З.М. Черниловский қайд мекунад, ба истибдоди шарқӣ дар мамолики Шарқи Қадим номаҳдуд будани ваколатҳои сарвари давлат, муттаҳид будани ҳокимияти динӣ ва дунявӣ дар шахсияти ӯ, ба дастгоҳи идоракунӣ хос будани мавҷудияти шумораи зиёди мансабдорон, фурӯнишонии шахсият ва ҷой надоштани ҳуқуқу озодиҳои инсон хос буда, одамон таҳти чунин фишор ғуломи тартиботи ҷорибуда ва урфу одатҳо гардида буданд [10, с. 42].

К.Маркс аз он бармеомад, ки дар кишварҳои истибдоди шарқӣ моликияти мутлақи ҳокимияти олӣ ҷой дошта, моликияти хусусӣ дар Шарқ ҳеҷ гоҳ мавҷуд набуд, ки чунин назария, ба ақидаи олими рус Л.С. Василев, хатои маҳзи ӯро ташкил медод.[2, с.41] Зеро, назарияи марксистӣ масъалаи мазкурро аз нигоҳи хусусиятҳои ташаккули тамаддунҳои ғарбӣ, давлатдорӣ ва қонунгузории он маънидод менамуд. Бинобар ин, дар Шарқ моликияти хусусӣ бо қонуниятҳои ба он хос вуҷуд дошт.

Бояд хотиррасон кард, ки моликияти хусусӣ дар Шарқ агарчанд қафомонда бошад ҳам, аммо вуҷуд дошт. Ба ин ишора карда, академик С.А.Чибиряев иброз менамояд, ки дар Шарқи Қадим консерватсияи сохторҳои иҷтимоӣ на ба андозаи кам инкишофи моликияти хусусӣ ба заминро боз медошт [3. С.16].

Чунин моликияти хусусӣ аз моликияти хусусии дар Аврупои антиқа ҷой дошта фарқи калон дошт. Зеро, дар Аврупо моликиятдорони хусусӣ ба маънои том соҳиби озодӣ ва ҳуқуқҳову имтиёзҳои зиёд буданд ва худи ҳокимияти давлатӣ дар хизмат ва ҳимояи онҳо қарор дошт. Чунин лейтмотив аз он бармеояд, ки моликияти хусусӣ дар Ғарб бидуни таъсири сиёсӣ ташаккул ёфтааст. Аз ин лиҳоз, он институти мустақили ҳаёти ҷомеа буд. Дар Шарқ, баръакс таҳти таъсири ҳокимияти сиёсӣ институти моликияти хусусӣ ташаккул ёфта, пойбанди он боқӣ монд. Чунин ҳолат имрӯз низ ҳамчун давомати таърихӣ ба назар мерасад. Аз ҷониби дигар, хусусиятҳои мазкур дар бораи он шаҳодат медиҳанд, ки моҳиятан давлатҳои навъи шарқӣ аз давлатҳои навъи ғарбӣ фарқият доштанд. Агар давлатҳои шарқӣ бештар суверен ва мутлақиятпарвар бошанд, давлатҳои ғарбӣ таҳти рӯҳияи моликиятдорон мазмуни ратсионалӣ ва пешраванда доштанд.

Ба ин ҷараён албатта пайдоиши нахустин давлатҳо дар Юнон мусоидат мекунад. Пайдоиши чунин давлатҳо дар қиёс бо ҷараёни бавуҷудоии давлатҳои Шарқи Қадим на таҳти таъсири бунёди низоми объёрикунии сунъӣ дар соҳилҳои дарёҳои бузург, балки чун натиҷаи тақсимоти бузурги меҳнатӣ, пайдоиши моликияти хусусӣ, муборизаи синфҳои оштинопазири ҷамъият воқеъ гардида, он дар пояи сохторҳои қадимаи пештар дар Юнон мавҷудбуда бунёд шуда буд. Аммо ба ҷараёни рушди босуръати чунин давлат дар Аврупо на қонуниятҳои муқаррарӣ, балки як нав омилҳои устувори дар ҷамъият ҷой дошта таъсири мусбӣ расонида буданд. Л.С. Василев чунин ҳолатро мутатсияи иҷтимоӣ бо номи инқилоби архаистӣ номидааст [2, с.40]. Ҳамчун натиҷаи таъсири омилҳои мазкур минбаъд дар ҳудуди Юнон байни асрҳои VII-VI то мелод низоми шаҳр-давлатҳо (полисҳо) ташаккул ёфта, ба аксари онҳо ҳокимияти халқӣ, идоракунии интихобӣ ва демократӣ хос буд. Байни онҳо полиси калонтарин ва пешрафта ҷумҳурии демократии ғуломдории Афина мебошад. Маҳз Афина ҳамчун сарчашмаи сиёсии тағйиротҳои куллӣ дар ин минтақа баромад карда, принсипҳои ҳокимияти халқӣ, озодиву баробарҳуқуқӣ нахустин маротиба дар ҳамин полис акси садо дода, амалӣ шуданд. Хусусан, дар ин самт ҳуқуқ, озодиҳои васеъ ва имтиёзҳои гуногун ба соҳибони моликияти хусусӣ муқаррар гардида буданд.

То ин давра, ки он дар таърих таҳти унвони «давраи антиқа» маълум аст, чуноне ки Л.С. Василев дуруст қайд мекунад, ҷаҳон дар як ранг қарор дошт [2, с. 40].

Дар қиёс бо давлатҳои Аврупои антиқа ва ё ба истилоҳ кишварҳои ғарбӣ, дар ҳудуди Шарқи Қадим агарчанд моликияти хусусӣ ҷой дошта бошад ҳам, аммо соҳибони чунин моликият дар муомила бо ҳокимияти давлатӣ беҳуқуқ буданд. Чунин беҳуқуқӣ боз бештар дар он зоҳир мегардид, ки агар моликиятдори хусусӣ ба доираи сохтори ҳокимияти давлатӣ алоқаманд набошад ва ё таҳти ҳомияти он қарор нагирифта бошад. Яъне, барои инкишофи моликиятдории хусусии мустақил шароит муҳайё нагардида, чунин моликиятдорон таҳти назорат ва гумонбарӣ қарор доштанд. Албатта, чунин ҳолат бо хусусияти пайдоиши давлат дар Шарқ алоқаманд буда, таърихан аз ҷамъияти ибтидоӣ ба ҷамъияти синфӣ гузаштани институтҳо ва анъанаҳои асосии идоракунӣ ва сатҳи пухта расидани ҳокимияти пешвои қабила дар ҷомеаи ибтидоиро дар назар дорад.

Умумияти рушди тамаддунҳои шарқӣ ва ғарбӣ ҳоло аз қадимулайём бо тавъам будани таъсири қонуниятҳои умумиҷаҳонии таърихии инкишоф ба онҳо дида мешавад. Ба ин тамаддунҳо умумияти падидаҳои ташаккули инсон дар давраҳои тотаърихӣ ва таърихӣ, таъсири маънавии дину оинҳои маҳаллӣ, ҷараёни барпошавии ҷамъият, пайдоиши ҳуқуқ ва давлат хос мебошад. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳар ду тамаддун тамоми ин падидаҳои таҳаввули умумиинсонӣ дар вақт ва марҳилаи муайян ҷой дошта, на тамаддуни шарқӣ ва на тамаддуни ғарбӣ аз ин ҷараёнҳо истисно набуданд.

Бояд гуфт, ки фарқиятҳои байни тамаддунҳои шарқӣ ва ғарбӣ дар ҷабҳаҳои алоҳидаи амали қонуниятҳои умумитаърихии инкишоф зоҳир гардидааст. Ин ҷо, пеш аз ҳама, хусусияти пайдоиши давлатро дар Шарқ бе мавҷудияти моликияти хусусии инкишофёфта ва синфҳои ба ҳам зид қайд кардан лозим аст. Оғози пайдоиши чунин давлат бо аҳамият ва нақши баланди низоми обёрикунии сунъӣ алоқаманд карда мешавад. Дар ин замина, махсус зикр гардидааст, ки «…маҳз ба туфайли обёрӣ давлат чун аслиҳаи идоракунии иншоотҳои ирригатсионӣ ва ташкилу таъмини обёрӣ пайдо шудааст» [8, с.103].

Дар Шарқи Қадим давлат назар ба моликияти хусусӣ барвақттар ба вуҷуд омада,

сохтори мустаҳками иҷтимоиро таҳия ва назорат менамуд. Ҳокимияти роҳбари чунин давлат таҳти таъсири тартиботи пештараи иҷтимоӣ меросӣ, номаҳдуд ва муқаддаси динӣ буд. Танҳо ӯ ба сифати моликиятдори олии мамлакат баромад карда, соҳиби ҳуқуқи редистрибутсияи молу мулк дар ҷомеа буд. Аз ҳамин сабаб ҳам дар чунин давлат нисбат ба моликиятдорони хусусӣ қотеъона ва бадхоҳона рафтор карда - 91 -ешу два ҳуқуқҳои онҳо маҳдуд мегардид. Бо шарти нисбат ба ҳокимияти марказӣ дурусткор ва ӯҳдадори иҷроиши ин ё он амал будан, моликиятдории хусусӣ дар Шарқи Қадим ҷой дошт. Ҳолати мазкур албатта пайвандии таърихии онро бо замони муосир инъткос менамояд.

Ҳоло аз замони Аврупои антиқа фарқиятҳо байни тамаддунҳои шарқӣ ва ғарбӣ инчунин дар дараҷаи мавҷудияти ӯҳдадории ҳокимияти давлатӣ нисбати инкишофи навъҳои моликият, функсияҳои иҷтимоии давлат, сохтори ҷамъиятӣ, мавҷудияти озодӣ ва сатҳи ҳифзи он дида мешуданд. Масалан, барои сохти ҷамъиятии кишварҳои Шарқи Қадим хусусияти корпоративӣ ва мавҷудияти ҷамоаи деҳот хос буданд, ки онҳо дар муқоиса бо антагонизми синфӣ, ки дар Аврупо ҷой дошт, ҳам консерватсияи муносибатҳои ҷойдошта ва ҳам як навъ пешравии эволютсиониро таъмин мекарданд. Илова ба ин, ғуломдорӣ дар Шарқи Қадим асосан мазмуни хонагӣ дошта, инкишоф наёфта буд. Муайян намудани сабабҳои чунин ҳолат маънидоди илмии менталитет ва психологияи аҳолии ин минтақаро тақозо мекунад.

Чӣ тавре ки аз ақидаи олимон бармеояд, хислат, психология, ҷаҳонбинӣ ва шуури тамоми аҳолӣ нисбат ба монархияи ҳукмрон ғуломона буд [2, с. 45]. Яъне, агар дар Аврупои антиқа ғуломдорӣ ба маънои томи худ ба дараҷаи классикии инкишоф расида бошад ҳам, лекин аҳолии озоди Юнону Рим рӯҳан на ғулом, балки озодихоҳ ва тараққихоҳ буданд. Дар Шарқи Қадим таҳти таъсири урфу одатҳои қаблии кӯҳна, хусусан анъанаҳои аз давраи ҷамъияти ибтидоӣ боқимонда, пурзӯр будани таъсири ҳокимияти монархи пурқудрат, таъсири таълимоти динӣ чунин ҳолат ба назар намерасид. Илова бар ин, аҷнабиён, давлатҳои нахустини пешрафтаи ин сарзаминро ҳамчун кишварҳои ғуломии сар ба сар меномиданд. Аз ин лиҳоз, сабаби инкишоф наёфтани ғуломдорӣ аз он бармеояд, ки худи аҳолӣ ҳамчун табеи мутлақи ҳокимияти шоҳӣ баромад мекард ва обрӯву нуфузи чунин ҳокимият бо хислати муқаддаси динии он таъмин мегардид.

Тахмин меравад, ки дар натиҷаи ҷангҳои тӯлонии байни форсҳо ва юнониён (солҳои 500-449 то мелод) то замони забти империяи Ҳахоманишиҳо аз ҷониби Искандари Мақдунӣ (соли 331 то мелод) табодули дастовардҳои фарҳангии ду тамаддуни бузург, яъне шарқӣ ва ғарбӣ ба амал меояд, ки чун натиҷаи он тағйиротҳои муайян дар ҳуқуқ, низоми давлатдорӣ, сохти ҷамъиятӣ ва вазъи ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, хусусан, моликиятдорони хусусӣ ва ғуломон ба амал меоянд. Ин ҷо ҳамчун дастоварди муҳими чунин табодул ва тафоҳум ҷунбиши маънавӣ ва психологӣ таҳти таъсири омилҳо, муомила ва донишҳои нав баромад мекунад.

Ҳамин тариқ, аз мазмуни тадқиқоти болоӣ ва хулосаҳои он чунин бармеояд, ки мавзӯи марбут ба тамаддунҳои шарқӣ ва ғарбӣ яке аз масоили муҳими илми таърихи ҳуқуқ ва давлатро ташкил дода, омӯзиши мукаммал, бонизом ва бисёрзинагиро талаб менамояд. Зеро, имрӯз дар шароитҳои таъсири пурзӯри глобализатсионӣ таҳти фарҳанги ғарбӣ тавассути баргузории чунин тадқиқотҳои илмӣ имконияти муайян намудани роҳи хосаи инкишоф ба миён меояд.

Бояд хотирнишон сохт, ки тамаддунҳои Шарқ ва Ғарб аз оғози пайдоиш ва

инкишофи давлатӣ-ҳуқуқии худ бо роҳҳои хоса пеш рафтаанд. Агар ба ҷамъият, ҳуқуқ ва давлати Шарқ ҳоло аз аҳди қадим мавқеи баланди дин, анъанапарастӣ, нигоҳи бештар ба гузаштаи таърихи худ хос бошад, ба Ғарб баръакс назари ақлонӣ ва мустақилона намудан ба падидаҳои олам, инкишофи тамоюди ҷудошавии ҷамъият, ҳуқуқ ва давлат аз аслҳои динии худ хос мебошанд. Ба ин ишора карда, муҳаққиқи машҳури фаронсавӣ Фюстел де Куланж гуфта буд, ки дин дар асли ҷамоаи қадимаи граждании ҷаҳони антиқа қарор дошт ва баъдан дуршавии институтҳои он аз аслҳои динии худ ба мушоҳида мерасад [9, с.3, 28-29]. Аммо чаро чунин гузариш аз аслҳои динӣ ба тартиби дунявӣ воқеъ шудааст, сабабу омилҳои он яке аз масъалаҳои асосии илмиро ташкил медиҳад. Дар ин самт, ба фикри мо, пайдо шудани шубҳа дар рафтору кирдори рӯҳониён, аз ҷониби онҳо роҳ додан ба ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиддӣ, коста гардидани сатҳи ахлоқу одоби касбӣ сабабгори ҷудошавии ҷомеа, ҳуқуқ ва давлати антиқӣ аз аслҳои динии худ буданд.

Лозим ба ёдоварист, ки мавҷуд будани принсипи истибдоди шарқӣ дар моҳияти давлатдорӣ ва қонунгузории Шарқи қадим бевосита ба махсусияти пайдоиши ҳуқуқ ва давлат дар ин минтақа, таъсири бузурги ташкили идоракунии марказии корҳои коллективона дар самти объёрикунии сунъии заминҳо, психология, фарҳанг, рӯҳияи тобеият ва кӯҳнапарастии аҳолӣ алоқаманд аст. Чунин рӯҳияи раванди инкишофи давлатдорӣ ва ҳуқуқро мо минбаъд дар асрҳои миёна низ дида метаавонем. Яъне, тавассути ҷаҳонбинӣ, шуур, фарҳангу маънавиёт ҷараёни трансформатсияи арзишҳо ва урфу одатҳои давлатдорӣ ва қонунгузорӣ ба давраҳои минбаъда имконпазир мегардад. Чунин ҳолат ногузир мавҷудияти давомати таърихиро дар қабули анъанаҳои генетикии давлатдорӣ ва қонунгузорӣ исбот менамояд.

Вобаста ба ин, имрӯз дар раванди тадқиқи моҳият ва хусусиятҳои тамаддунҳои шарқӣ ва ғарбӣ мо бояд муайян намоем, ки оё хусусиятҳои номбурда инъикоси худро дар ҷомеа, ҳуқуқ ва давлати муосири шарқӣ ва ғарбӣ ёфта истодаанд? Оё протсессҳои миграционии муосир, ки мазмуни глобалӣ дошта, асосан кӯчбандӣ ва муҳоҷирати меҳнатии аҳолии Шарқро ба мамлакатҳои Ғарб инъикос менамояд, оё ба таҳаввули фарҳангӣ, рушди ҷомеа, ҳуқуқ ва давлати муосир мусоидат менамоянд? Ва чунин падидаҳои миграционӣ дар сатҳи ҷаҳонбинӣ, мафкура ва фарҳангу ахлоқи намояндагони ҳар як тамаддун чи гуна нақш иҷро карда метавонанд?

Бояд гуфт, ки тадқиқи таърихӣ-ҳуқуқии хусусиятҳои тамаддунҳои шарқӣ ва ғарбӣ дар замони муосир барои муайян намудани мавқеи консерватизми шарқӣ ва ратсионализми ғарбӣ дар ҳифзи қадру манзалати инсонӣ, ҳуқуқи инсон барои зист дар шароитҳои мусоиди экологӣ, нигоҳдошти иқлим, вазъи геоэкологии сайёра мусоидат хоҳад кард. Бинобар ин, муҳим аст муайян намоем, ки оё кӯҳнапарастии шарқӣ бо нигоҳи ретроспективии он барои ҳифзи маънавиёт ва одобу фарҳанги волои инсонӣ, ҳуқуқ, озодиҳо ва мавқеи инсон, хусусан ҳуқуқҳои табиии инсон мусоидат намекунад? Ва оё тамаддуни ғарбӣ бо ратсионализми хеш, пешравии технологӣ ва техногенӣ имрӯз мӯҷиби гузариши ҷомеаи инсонӣ аз ҷомеаи фарҳангӣ ва маънавӣ ба ҷомеаи истеъмолӣ, маҳдудшавии ҳуқуқҳои табиии инсон (ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқ ба муҳити атрофи солим), ба вуҷуд омадани хавфи фалокати экологӣ, биохимиявӣ, техногенӣ, паҳн шудани бемориҳои сироятӣ тавассути истифодаи яроқи бактериологӣ ва ниҳоят ҷанги глобалии ҷаҳонӣ намебошад?

**_Пайнавишт:_**

1. *Азиатский способ производства /Манбаи интернетӣ: https://ru.m.wikipedia.org. Санаи мурочиат: 31.05.2020сол*
2. *Васильев Л.С. История религий Востока. Учебное пособие для вузов. – 7-е изд. Испр. И доп. – М.: КДУ, 2004. – 704с.*
3. *Всеобщая история государства и права: Учебник для вузов /Под ред. Проф. К.И. Батыра. – М.: ООО «Издательский Дом «Былина и К», 2000. – 496с.*
4. *Графский В.Г. Всеобщая история права и государства: Учебник для вузов. – 2-е изд., перераб. И доп. – М.: Норма, 2005. – 752с.*
5. *Иеринг Р. Избранные труды. – В 2 т. – Т.II. – СПб.: Издательство Р.Асланова «Юридический центр Пресс», 2006. – 547с.*
6. *История мировой культуры (мировых цивилизаций). – 2-е доп. И*
1. *перер. Изд. – Ростов н/Д: изд-во «Феникс», 2002. – 544с.*
7. *Поляков А.В. Общая теория права: проблемы интерпретации в контексте коммуникативного подхода: учебник. – 2-е изд., исправл. И доп. – М.: Проспект, 2016. – 832с.*
8. *Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Ҷилди 1. – Душанбе: «Империал-Групп», 2010. – 484с.*
9. *Фюстель де Кулланж Нюма Дени. Древняя гражданская община: Исследование о культе, праве, учреждениях Греции и Рима /Пер. с фр. – Изд. 3-е. – М.: Красанд, 2011. – 354с.*
10. *Черниловский З.М. Всеобщая история государства и права. – М.: Юристъ, 1995. – 576с.*

**_Reference Literature:_**

1. *Asian Mode of Production: https (Date of appeal: 31.05.2020)*
2. *Vassilyev L. S. The History of Oriental Religions Manual for higher schools. – The 7-th edition, revised and enlarged. – M.: KDU, 2004. – 704 pp.*
3. *Universal History of State and Law. Manual for higher schools // under the editorship of Professor K. I. Batyr. – M.: Assoc. Ltd. "Publishing-House "Bylina and C" (folk tale allegedly based on the truth). 2000 – 496 pp.*
4. *Grafsky V. G. Universal History of Law and State. – Manual for higher schools. The 2-nd edition, revised and enlarged. – M.: Norm, 2005. – 752 pp.*
5. *Iyerang R. Selected Works. In two volumes. V. II. – Spb: R. Aslanov's Publishing-House "Press" Juridical Centre". 2006. – 547 pp.*
6. *The History of World Culture (World Civilizations). – The 2-nd edition, revised and enlarged). – Rostov-on-the Don: "Phoenix" publishing-house, 2002. – 544 pp.*
7. *Polyakov A. V. General Theory of Law: Problems of Interpretation in the Context of Communicative Approach: manual. – The 2-nd edition, revised and enlarged. – M.: Prospect, 2016. – 832 pp.*
8. *Sotivoldiyev R. Sh. The Problems of the Theory of State and Law. Manual. V.1. – Dushanbe: "Imperial-Groups". 2010. – 484 pp. (in Tajik)*
9. *Fustel de Coullange Numa Deni. Ancient Civil Community: Investigation of Cult, Law, Institutions of Greece and Rome // Translation from French. – The 3-d edition. – Moscow.: Krasand, 2011. – 354 pp.*
10. *Chernilovsky Z. M. Universal History of State and Law: - M.: Jurist, 1995. – 576 pp.*